# «ДОРУХОНА» Ё «ОРУХОНА»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 31 October, 2019 - 11:33 **«ДОРУХОНА» Ё «ОРУХОНА»**

**(ё чанд сухан дар бобати мавқеи забон ва тарзи баён дар навиштор ва гуфтор)**

Дар бораи мавқеи забон чун яке аз рукнҳои асосии давлат ва давлатдории миллӣ ва ниёзҳои

нигоҳубин, ғамхории он бисёр гуфтаанду навиштаанд. Ҳамин қадар илова мекунем, ки ҳар чӣ қадар пуштибонии он аз ҷониби сохторҳо ва мақомоти давлатӣ дар сатҳи давлатӣ сурат бигирад, кам аст ва мо ба он армонҳои наҷибе, ки аз ҷумла баландбардории мартабаи забони миллист, бештар ноил мегардем. Яъне шарти асосии муваффақ шудан ба пойдории забони давлатӣ баланд гаштани масъулият, афзудани муҳаббат, дилс ӯзии ҳар як соҳибзабон – шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад. Дар боло бардоштану таҳрики ҳамин эҳсосу ангеза нақши расонаҳои хабарӣ басо назаррас аст. Мардуми мо ба сухани чопшуда, аз тариқи радио садодода, ба сужаҳо, гуфторҳои ТВ бовар мекунад, ба гуфтори хабарнигорон, ровиёни ВХ пайравӣ, тақлид менамояд, нуқси забониашонро ислоҳ менамояд. Яъне забони матбуот, ТВ, радио, интернет дар раванди инкишоф, рушди маънавии одамон хеле муҳим аст, маҳз ҳамин силоҳи дурзан – сухан боиси ҳаллу фасли печидагиҳои ҳаёт, рафъи нуқсонҳои р ӯз дар раванди созандагии ободониҳои мо мегардад, вале баръакс, бетаваҷҷуҳӣ ба забон, тарзи баён боиси коҳиш ёфтани таҳкими заминаҳои иҷтимоӣ, ҳувияти миллӣ, дуршавӣ ва бегонагӣ аз асолати миллӣ ва монеи рушду нум ӯи Ватан мегардад.

Хору залил кардани забони давлатӣ оғози пастравии мартабаи давлат аст. Барномае, ки аз тариқи РХ бо забони бурро, фасеҳ, р ӯшан ва лаҳни ширин садо медиҳад, ба ҷисму ҷон фараҳ мебахшад, р ӯҳро болида мегардонад. Р ӯзноманигоре, ки аз паҳлуҳои мухталифи маънии вожаҳо огоҳӣ дорад, ба хатоҳои услубӣ, фонетикӣ, мантиқӣ, грамматикӣ кам роҳ медиҳад, имконоти истифодаи калимаҳои муқобилмаъно, ҳаммаъно, ибораҳои рехтаи фразеологиро медонад, бешак, бинандаву шунавандаи зиёд, мухлисони бешумор дорад. Забони тоҷикӣ дар таърих, ҳангоми истилои аҷнабиён лаҳзаҳои басо душворро сипарӣ кард, имр ӯзҳо бо густариши ҷаҳонишавӣ, гуфтуг ӯи та – маддунҳо хатари аз миён рафтани он падид омадааст, аммо ин ёдгори ниёкон, ки чун баёнгари падидаҳои равшани вақту замон ба ҷаҳон аст, исбот кардааст, ки дар замони муосир низ рисолати таърихиашро ба арҷмандию ифтихор иҷро карда метавонад.

Пас аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ тақдири он мавриди таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа қарор гирифт. Беш аз пештара зарур аст, ки дар ғановати таркиби луғавӣ, таҳкими мавқеи ҷамъиятии он ҳар як нафар сокини диёр, фарзанди миллат саҳмгузор бошад. Боиси хушнудист, ки р ӯзноманигорон, нависандагону адибон дар бобати рушд, ҳифзи нафосат, назокату фасоҳати он, боло бардоштани мартабаи он саъю к ӯшишҳои зиёд менамоянд. Калимаи ноҷо, нофаҳмо ба сангчае шабоҳат дорад, ки ҳангоми х ӯрдани палав ба зери дандонҳо меояд.

Ҳар кӣ сухан бо сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад, –

фармудааст шоир. Ҳамин тавр, дақиқ, дуруст интихоб кардани вожаҳо, истифодаи ибораҳои фразеологӣ, ҷумлаҳои мураккаб, саҳеҳии фикр ин масъулияти ҷиддию пурмашақати р ӯзноманигор аст дар назди шунаванда, хонанда ва тамошогар. Мо суханро аз баҳри дигарон мег ӯем ва ба ҳамин хотир Худованд ба мо имкони гуфтан ва навиштан додааст. Бале, аввал овоз, сухан пайдо гашту баъд васоити тасвири он ҳарфҳо (алифбо). Аз ҳамин имкони азалӣ ҳар кас ҳар хел истифода менамояд. Баъзеҳо вожаҳоро ҳар тавре, ки хоҳанд, ба забон мегиранд, менависанд аз ин р ӯ ғалатҳои фаҳш имр ӯз дар нашрияҳо, асарҳои бадеӣ, китобу маҷм ӯаҳои илмӣ зиёд вомех ӯранд. Мутаассифона, ҳар кадоми мо ҳам нависанда, муҳаррир, муҳаррири нашрия, матбуот, телевизион ва радио ин ғалатҳоро мебинему чашм меп ӯшем, ки ин авфнопазир аст. Инро чун беэҳтиромӣ, нописандӣ ба ганҷи ноёби ниёгон – забони модарӣ маънидод кардан мумкин аст.

Дар айни замон, ки нақши воситаҳои хабаррасони оммавӣ дар таълиму тарбияи мардум назаррас гаштааст, покизагии забони он, пешниҳоди дурусту риояи меъёрҳои забон дар гуфтаҳои ровиёни радиою телевизиону нашрияҳо хеле зарур аст. Хушбахтона, ҳоло забони ахбори омма як андоза беҳтар гаштаву р ӯзноманигорон, ровиён бо забони шевову равон мақсадашонро ба самъи бинандаю шунавандаю хонанда мерасонад. Бо вуҷуди ин ҳоло ҳам сари масъалаи забони расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла, ҳангоми истифодаи бисёр вожа, таркибҳо ва усулу тарзи баёни муаллифон андеша мебояд. Хабарнигор, муаллифи барнома роҷеъ ба масъалае, ки сокинони як кишварро ба ташвиш овардааст – норасоии барқ, газ, бунёди неругоҳҳо, таъмини ҷои кор, касодии истеҳсолот бетаваҷҷуҳ, хунсардона, бемақсад асар менависад. Агар ҳар як вожа марбут ба масоили мазкур санҷида, пухта, фаҳмо ва бо далелҳои р ӯшан ифода гарданд, ба шунаванда фараҳ мебахшад, чароғаки умед дар қалби онҳо медурахшад.

Дар тайи чанд соли охир аз файзи соҳибистиқлолии кишвар дар бораи донистани забони давлатӣ ва риояи меъёрҳои он пешниҳодҳои хубе иброз мегарданд. Ҳамчунин дар ҷаласаву симпозиумҳо ҳам ин маънӣ хуб матраҳ мегардад. Аммо ин ҳама ба талаботи амалӣ шудани Қонуни ҶТ «Дар барои забон» пурра ҷавобг ӯ нестанд. Мо бояд барои он талош варзем, ки забони воситаҳои хабарии омма дуруст, фаҳмо, фасеҳу равон бошад, зеро агар дар ҷаласаҳо, семинарҳо, нишастҳо 50 – 500 нафар ширкат дошта бошанд, теъдоди шунаванда, тамошогар, хонанда аз ин ҳам зиёд – миллионҳо нафарро ташкил медиҳад. Аз ин р ӯ масъулияти суханг ӯ, р ӯзноманигор назди мардум ва давлат хеле калон аст.
Саволи «Забони матбуот бояд чӣ гуна бошад?» танҳо имр ӯз ба миён наомадааст ва танҳо хоси р ӯзномаҳои тоҷикӣ набудааст. Тақрибан ҳамин марҳилаи инкишоф ва замони баҳсу мунозираҳои илмиро матбуоти Эрон низ аз сар гузаронидааст. Муаллифи рисолаи «Садонокҳо дар забони форсӣ» Шамсулмулук Мусоҳиб вазъи забони баъзе нашрияҳои даҳсолаҳо пеш Эронро таҳлилу таҳқиқ намуда, сабаби камаҳамият ва дар байни муштариён беэътибор гардидани р ӯзномаҳои ҷудогонаро дар мушкилбаёнӣ ва саҳлангориҳои р ӯзноманигорон дидааст. Ба андешаи ӯ, ганҷи ягона пеша кардани услуби соданависӣ аст, – менависад устод Б.Камолиддинов дар «Сухан аз баҳри дигарон г ӯянд» (Душанбе, 2011, саҳ.7) ва иқтибосеро аз ин олим меорад: «Соданависӣ чист?» Ва ҷавоб мег ӯяд: «Баёни расо ва ҷумлаҳои к ӯтоҳ ва калимаҳои осон ва маънус (ба ҳамдигар унс гирифта, шинос). Беҳтари калом каломе аст, ки омиёна ва пеши по уфтодааст ва на арабӣ ва номаънус».
Аксар вақт мебинӣ, ки суханвар ба каломи шево, осону дақиқ эътибор надода, намоишкорона ё тақлидкорона ба лафзпардозӣ оғоз менамояд.Бо пешрафти зиндагӣ тарзи ифодаи калимаҳо дигар мешаванд, маънои нав мегиранд, хоҳ – нохоҳ мо аз истифодаи калимаҳои к ӯҳна даст мекашем, баъзе қолабҳои ифодаю таҳияю таҳрири анъанавию таърихӣ корношоям мешаванд, ки ин табиист.
Айни замон ровиён, суханг ӯёни барномаҳои телевизион, радио ибораҳоро бо хости худ тағйир медиҳанд. Масалан, «Мехоҳам дониста бошам, ки…», «Мо ба барнома шоири ҷавон Расулиро даъват кардаем, то аз бобати китоби наваш суҳбате дошта бошем.» Бояд ин тавр гуфт: «Мехоҳем суол кунем…» ва «Мо ба барнома шоири ҷавон Расулиро даъват кардем, то …суҳбат кунем».
Забони имр ӯзаи мо маҳсули заҳмати мардуми маърифатпарвару бофарҳанги тоҷик аст, ки аз радду бадалҳои таърих гузашта дар ҳаводиси зиндагӣ пойдор монда, то ба мо расидааст. Бо шарофати соҳибистиқлолии кишварамон имр ӯз забони ниёгонамон чун як рукни муқаддаси миллӣ мақоми давлатӣ гирифт. Таҷрибаҳои солҳои охир гувоҳи онанд, ки масъалаи мураккабӣ ва гуногунсабкии расонаҳои хабарӣ боз ҳам печидатар ва мушкилтар мегардад. Ба назари мо, танҳо бо роҳандозии барномаи муназзаму фарогир дар ҳамбастагӣ бо ниҳодҳои давлатии масъули забон, кормандони ВХО ҳаллу фасли ин қазия имкон дораду халос.
Масъалаҳои дигаре, ки ташвишовар аст, ба номи шаҳрҳо, к ӯҳҳо, дарёҳо, деҳот илова кардани баъзе вожаҳо мебошад. Масалан, «Хатлонзамин», «Эронзамин», «Раштонзамин» ва ғайра мег ӯянд. Дар гуфторҳои радио, телевизион, нашрияҳо ба чунин ҷумлаҳо тез – тез дучор меоем: Чун пой бар хоки Раштонзамин ниҳод, вуҷудашро фараҳмандӣ фаро гирифт. Меҳмонони аз хоки Хатлонзамин омадаро сокинони Суғдзамин самимона пешвоз гирифтанд. К ӯлобшаҳр р ӯз то р ӯз ободтар мегардад.
Дар ин калимаҳои мураккаб вожаи замин, шаҳр зиёдатӣ аст, маънӣ, агар зарур бошад, пеш аз номҳо вожаи «замин» бояд истифода бигардад.Дар ҷумлаи аввал, «вожаи хок» ба «Хатлонзамин» ночаспон аст, зеро агар вожаи фоил замин аст, пас бо «хок» ҳаммаъно аст.
Аз пош ӯрии давлати абарқудрати ш ӯроҳо СССР зиёда аз 28 сол сипарӣ мегардад. Мисли Иттиҳоди мазкур – империяҳои абарқудрати бисёре аз саҳнаи сиёсат рафтанд, чун Ҳахоманишиён, Кушониён, Саффориён, Тоҳириён, Бармакиён, Темуриён ва ҳоказо ва имр ӯз дар шакли нав, бо номи нав, дар ҳудудҳои пештари маъмурию ҷуғрофӣ ҳокимият надоранд, пас онҳоро собиқ гуфтан нашояд, Иттиҳоди ш ӯравӣ аз он ҷумла аст. Мисол: Ба соҳаи пахтакорӣ дар замони собиқ Иттиҳоди Ш ӯравӣ диққати ҳамаҷониба медоданд. Кишвари мо 30 – 40 сол пеш ба ҳайати собиқ Ш ӯравӣ шомил буд.
Дар ин ҷумла истифодаи ибораи «Иттиҳоди Ш ӯравӣ» ҷоиз аст. Кишварҳои собиқи ҳайати Ш ӯравӣ айни замон ҳама мустақил гаштаанд. Мақсади г ӯянда шарҳи ҳолати ҷумҳурӣ дар гузашта аст.
Дигар вожаи арабӣ, ки ғалат истифода мешавад, шакли ҷамъбандии модда – мавод мебошад. Аммо аксар вақт он ҳатто дар шакли маводҳо навишта мешавад. Мисол, «Дар мактаб барои пешравии кори таълиму тарбия бисёр маводҳо намерасанд», «Агар маводҳои сохтмонӣ сари вақт пайдо мешуданд, иншоотҳои ба нақша гирифта дар муҳлати пешбинишуда ба истифода

дода мешуданд». Дар ҷумлаи аввал «маводҳо», дар ҷумлаи дуюм «иншоотҳо» нодуруст корбаст гардидаанд. Мебоист ба ҷойи «маводҳо – номг ӯӣ», – масолеҳ истифода мегашт. Ҳамчунин ба ҷойи вожаи «сохтмонӣ» «сохтмон» гуфтан ба маврид аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Москва, с.1969, саҳ.606) вожаи модда чунин шарҳ ёфтааст: Модда вожаи арабӣ буда, маънои зайл дорад:

1. материя, чиз.
2. моҳият, асл.
Аҷсом аз модда ва сурат мураккабанд.
Ибни Сино
3 – ин тасаввур, ки модда сувар аст,
Бо сувар нисбаташ қарибтар аст.
Бедил
3. мавз ӯъ, матлаб материалҳои доир ба матлабе.
Гуфтам…Аҷаб моддае ба даст андохтӣ ва ӯро расвои олам сохтӣ, панҷоҳ қитъа аз барои сараш ва панҷоҳи он барои дигар мураттаб гардид! (Восифӣ)
Моддаи таърих, як ё якчанд калимае, ки агар адади ҳарфҳои он ҷамъбаст шавад, ададе ҳосил мегардад, ки соли воқеаро мефаҳмонад, масалан, дар байти зерин:
Таърихи вафоти Хоҷа Исмат,
Ҳар кас ки шунид, гуфт; «Таммат».
Ин ҷо моддаи таърих калимаи «таммат» аст, ки дар ҳисоби абҷад адади 880 – ро ифода мекунад (т – 400, м – 40, м-40, т – 400) ва ин соли вафоти Исмати Бухороист (1476).
Дар ҳамин фарҳанг дар бобати вожаи мавод чунин навишта шудааст: мавод арабӣ, ҷамъи модда 11 моддат.
Мавoди ин фитнаҳо мунқатеъ гардондам. (Авфӣ) Маводи хилоф ва низоъ дар ҷомеи муомилат аз миёни ҷумҳури халоиқ мунҳасим ва муртафеъ гардад. («Ҷомеъ – ут – таворих»). Расм арабӣ – одат, урфу одат, расм, таомул. Масалан, аз р ӯи одат, урфу одатҳоро риоя кардан, дар одати касе, шакли ҷамъи он маросим мебошад.Дар ин кор маросими тарбият ба ҷой оварӣ – (Авфӣ). Иғмози эшон аз иқомати ин маросим ва қиём бад – ин шароит ҷуз инҳироф набувад.
«Аҳлоқи Носирӣ»
Баъзан «расм» бо шакли «русум» низ ҷамъбандӣ мешавад. Аз чӣ сабаб бошад, ҳам вожаи мавод, ҳам маросим, солҳои охир боз дар шак – ли дукарата ҷамъбандӣ мешаванд. Ҳатто ин саҳв дар навиштаҳои ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ низ роҳ ёфтааст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо».
Ҳан ӯз 7 декабри соли 1988 донишмандони тоҷик Р. Амонов, Р. Ғаффоров бо унвони «Дар забон чӣ каҷравиҳо мавҷуд аст?» мақолае чоп карда, дар мавриди ба кор бурдани «луғатҳои к ӯҳна ва номашҳур» ва роҳёбии лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар забони адабӣ изҳори ақида карданд, ки ба забони адабӣ унсурҳои маҳаллӣ ва омиёнаи маҳз роҳ меёбанд: Аз тарафи дигар, дар мавриди ифодаи фикр забон бо муодил ва муродифҳои худ зиндаву қавист, дар фазои чунин камолоти зиёд имконияти ифодаи фикр дар забон васеъ мегардад. Азбаски забони адабии тоҷик ҳамеша рушд меёбад, муаллифон истифодаи унсурҳои к ӯҳнаро амри ногузир ва муфид дониста, андеша доранд, ки бад – ин васила таъсири забони адабии хаттӣ ба забони гуфтуг ӯӣ зиёд гаштаву фосилаи тафриқавии байни онҳо камтар мешавад. Ин ақида хеле ҷолиб аст. Аммо муаллифон то ба охир дар ақидаи хеш устувор намемонанд, менависанд: «Барои ноил шудан ба ин матлаб (яъне боло бурдани савияи маданӣ ва нутқи шифоҳии мардум) шарт нест, ки дар тақлиди ҳамсояҳои ҳамзабон калимоти номашҳури арабӣ, форсиҳои қадим, (?) воситаҳои архаистии грамматикӣ(?) ва монанди онҳоро фаровон истифода барем…. Ин қабил унсурҳои луғавӣ забони адабиро душворфаҳм ва мураккаб намуда, ба наздик шудани забони зиндаи гуфтуг ӯӣ ва адабӣ (?) халал мерасонанд. Дар ин асос мо бар чунин ақидаем, ки бидуни зарурат пайравӣ кардан ба тарзи нигоришоти ҳамсояҳои ҳамзабон, дар тақлид ба онҳо кор фармудани калимаву таркибҳои номашҳур, ки дар забони мо ба ҷойи онҳо луғатҳои тоҷикӣ ё арабиҳои маълуму фаҳмо истифода мешаванд, салоҳ нест». Барои тасдиқи гуфтаҳояшон иддао доранд, ки аз баҳри истифодаи калимаи «меҳан» гузаштан даркор, ба ҷойи он калимаи «Ватан» – ро ба кор мебояд бурд, дар ин радиф калимаҳои утоқ, пахш, акс (нашр), зуғол (ангишт) – ро низ нозарур меҳисобиданд. Ҳол он ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шеърҳои зиёде аз осори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Лоҳутӣ бо истифодаи вожаи “меҳан” чун далел оварда шудаанд. Ин к ӯшишҳо дар солҳои 20 – уми асри ХХ ба мақсади сода кардани забон баҳонае беш набуд ва ба равиши грамматикаи анъанавии забони адабӣ нуқсонҳои дағал шомил гаштанд, гаравиш, тақлид ба забони тоҷикони ба туркӣ олуда, бо дастгирии

роҳбарони вақт авҷ гирифт, дар ин росто андешаҳои устод Айнӣ, ки мехост, дар раванди забонсозӣ забони тоҷикони к ӯҳистон дар мадди аввал ба эътибор гирифта шавад, истисно гашт. «Шаклҳои ҷумлаи саволӣ бо мӣ, ду бор ҷамъ бастани афъол аз қабили «раветон», «кунетон», «гиретон» ва ғайра, аз байн бурдани пешоянди би дар афъол: «бирав», «бигир», «бих ӯр», аз байн бурдани ҷонишинҳои пайваста аз қабили «гуфтамтон», «гуфтамашон» ва ғ., ки аз муҳимтарин аркони ҷумлаи форсӣ – тоҷикӣ мебошанд, авҷ гирифт.
Дар охири ҷумла бекор кардани бандакҳои хабарии – ам, – ӣ, – аст, – ем, – ед, – анд ва ба шакли думбурида даромадани хабар. Масалан: ту одам? (ӣ) ман одам (ам) , Вай муаллим? Ҳа, вай муаллим. Не, вай муаллим не. Ҳа, муаллим ман, ё дар телефон Ман Толиб – ман . Аз радио мег ӯянд: Ин ҷооо Душанбеее. дар сурате, ки дар забони тоҷикиву форсӣ ҳатман «Ин ҷо Душанбе аст» менависад О. Исломӣ дар мақолааш «Ҳам дар наъл, ҳам дар пошна» (Асрори Ҳофиз, Душанбе, Матбуот. 2014, саҳ. 65).
Устод Айнӣ ба ом ӯзишу корбарии лаҳҷаҳои к ӯҳистониён даъват карда, менависад: «Ба фикри ман мерасад, ҳеҷ фурсат нагузаронида, дар Самарқанд, ки ба к ӯҳистони тоҷикон наздик аст ва маркази маданият ба шумор меравад, ин курс кушода шавад. Дар ин курс аз Фалғар, Мастчоҳ ва соири к ӯҳистон ва деҳоти тоҷикон толибилмон бирасанд… Дар шаҳри Самарқанд як забони тоҷикӣ маъмул аст, ин забон бо узбакӣ махлут буда, ба таъбири буқаламун сазовор аст, чунончи, мег ӯянд: «Аробаро қушӣ карда биёр», «буғулӣ карда монд», «иқилӣ карда рафт». Албатта, ин забонро ҳеҷ тоҷик қабул нахоҳад кард. Забони шаҳри Ӯротеппа ва Хуҷанд, агарчи аз забони тоҷикии шаҳри Самарқанд қадре софтар аст, аз таъсири ӯзбакӣ ва ихтилофоти луғати одатҳои ӯзбакӣ холӣ нест. Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони к ӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони к ӯҳистони тоҷик, забони форсии сода (соф), аз такалуфоти эронӣ холӣ, аз луғати арабии ношуниданӣ хилт наёфта ва бо сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст. (Шуълаи инқилоб, солу моҳ саҳ. 253 – 264).
Дар «Фарҳанги форсии имр ӯз» маънии вожаи «ғалла» чунин шарҳ ёфтааст: «номи умумии донаҳои гиёҳии тираи гандумиён (монанди гандум, ҷав, биринҷ, арзан ва ғайраҳо)», аммо айни замон баъзе қаламбадастони «нававар» – и р ӯзномаву маҷалла ва афроди дигар дар суханрониҳошон ин вожаи содаи форсиро ба таври худ «такмил» дода ба он пасванди – гӣ ва калимаи дона – ро илова месозанд, ки ҳеҷ зарурате ба он нест, аз мантиқ дур аст. Чи тавре аз шарҳи вожа дидем, маънии дона дар вожаи мазкур нуҳуфтааст. Чун ғалла гуфтем, мо ашёеро тасаввур мекунем, ки аз донаҳо иборат аст. Ғалла исми ҷомеъ аст, фарогири донагиҳое чун гандум, ҷав, мош, наск ва ғ. Ҳамин беэътиноӣ дар калимасозии ноҷо дар вожаҳои ҳосилнокӣ, даромаднокӣ, мевагӣ, боронгарӣ, селхезӣ, вафогӣ ва хоказо ба чашм мерасанд.
1. Зеро нархи моводи кишоварзӣ аз ҷумла ғалладонагиҳо нисбати порсол як маротиба зиёд шудааст. (Озодагон 06 – 06 – 2012. № 22).
2. Агар диққат дода бошед моҳи равон дар бозор бештар мевагии паст ва ё норасид фур ӯхта мешуд. (Фараж. № 34. 22. – 06 – 2012).
3. Бар асари боронгарии шадид оби дарёи канори шаҳри К ӯлоб боло шуда, шаҳрро зери об гузошт. (Торномаи Радиои Озодӣ. 7 – 06 – 2010).
4. Хоку гиле, ки селхезӣ бо худ овардааст, имкони ҳаракати мошинҳоро номумкин кардааст. (Торномаи Радиои Озодӣ. 7 – 05 – 2010).
5. Даромаднокии Эйлл ду баробар зиёд шуд. (Миллат. 25 – 04 – 2012 № 7).
6. Умр ба ин хуршеди ҳунари тоҷик вафогӣ накард… (Миллат 25 – 04 – 2012, № 7). (Мисолҳо аз мақолаи Қ. Рустам «Афзудаҳои нолозим». Нигоҳ, 4 – 05 – 2015 пешниҳод гаштанд.)
Дар ҷумлаи якум ба ҷои ғалладонагӣ ғалла, дар ҷумлаи дуюм ба ҷои мевагӣ мева, дар ҷумлаи сеюм ба ҷои боронгарӣ борон, дар ҷумлаи чорум ба ҷои селхезӣ сел, дар ҷумлаи панҷум ба ҷои даромаднокӣ даромад, дар ҷумлаи шашум ба ҷои вафогӣ вафо гуфтан равон ва дуруст аст.
Дигар вожае, ки аксар вақт нодуруст гуфтаву навишта мешавад, «хабар» аст, ки шакли ҷамъбандии арабиаш «ахбор» аст. Аммо бисёр вақтҳо ба он боз чанд пасванди ҷамъсоз илова менамоянд: ахбор – от, ахбор – от – ҳо. Ҳамин бетаваҷҷуҳӣ дар вожаи маълум – от – ҳо, ҳисоб – от – ҳо, адаби – ёт – ҳо, риво – ёт – ҳо, ҷузъи – ёт – ҳо, ғазал – и – ёт – ҳо, мушкил – от – ҳо низ ба чашм мерасад. Дигар вожаҳои мушкилфаҳми араб, аз ҷумлаи иртибот, мусташриқ, ибтикор, иқтишод, ағлаб, муҳосамат, таҳриқ, тарвиҷ, ҳифозат, муқаттоъ, иштиҳор, мутамоил, мунташир, мусадамат, таҳриб, инфиҷор, минҷумла, мустақар, мустахар, нисвон мебошанд.
Дигар саҳв дар истифодаи ҷамъбандии бемавриди арабӣ аст. Мисол:ба ҷойи минтақаҳо манотиқҳо, ба ҷойи мактабҳо – макотибҳо мег ӯянд, ки хатост. Шакли ҷамъи ин калимаҳо ҳам нодуруст аст: равобитҳо, навоҳиҳо, авохирҳо, қавоидҳо, захоирҳо, манобеъҳо ва ҳоказо. Ба андешаи мо, ин вожаҳо дар шакли ҷамъбандии тоҷикӣ истифода шаванд, беҳтар аст: Мисолҳо: ноҳияҳо ҷумҳуриҳо, имтиёзҳо ва ҳоказо. Баъзан аз тарафи ровиён ҳангоми

суҳбатҳои телевизионӣ ва навиштан р ӯзноманигорон ба номҳо худсарона вожаи нодаркор илова мекунанд: Масалан, ба ҷои Ҳофизи Шерозӣ – бобои Ҳофиз ба ҷойи Аб ӯалӣ ибни Сино – Пури Сино менависанд, ё Носири Хусрави Қубодиёниро Шоҳносир баъзан Шоҳносири Хусрав, Мир Саид Алии Ҳамадониро Ҳазрати Амирҷон ном мебаранд.
Дигар саҳвҳо дар истифодаи номи к ӯчаҳо мушоҳида мегардад. Аз тариқи радиои «Ватан» эълоне пахш мегардад, ки анҷоми он чунин садо медиҳад: Суроғаи мо к ӯчаи Пушкина. Суроғаи мо – к ӯчаи Ғафурова, к ӯчаи Федина, ки нишонаи бесаводӣ аст.
Агар мақсад ба забон гирифтани номи ашхоси маъруф аст, пас «Суроғаи мо к ӯчаи ба номи Пушкин», «Суроғаи мо к ӯчаи ба номи Бобоҷон Ғафуров» гуфтан зарур аст. Аксар вақт номҳои шаҳру навоҳӣ, маҳаллаҳо низ нодуруст навиштаву хонда мешаванд. Мисол: Вазъи корҳои ободонӣ дар к ӯчаҳои У.Хайём, Ҳ. Шерозӣ, С. Шерозӣ ва У. Зоконӣ, Маҳаллаи Хуҷандӣ хуб ҷараён дорад. Сокинони ноҳияи А.Фирдавсӣ дар маъракаи ниҳолшинонӣ ширкати фаъол доштанд. Пахтакорони ноҳияи С. А. Ҳамадонӣ низ аз иҷрои нақшаи ҳосилғундорӣ мужда расониданд.
Номҳоро бо ин тарз к ӯтоҳ кардан нашояд, хуб мешуд ё Умари Хайём, Убайди Зоконӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ ё Маҳастии Хуҷандӣ биг ӯему бинависем. Аммо ин навишта ҳам ноқис аст, зеро дар адабиёт чанд олиму адиби зодаи Шерози Эрон аст, чун Ҳофиз, Саъдӣ ва чанд нафар бо тахаллуси Ҷомӣ аст: Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Ҷомӣ, чанд нафар зодаи Хуҷанду Хатлон. Ба андешаи мо, дар ҳолати навиштани як ҳарфи аввали ном, масалан А. Ҷомӣ хонанда, шунаванда намедонад, ки гап дар бораи кадоме аз Ҷомӣ ва кадом Шерозӣ: Саъдӣ ё Ҳофиз меравад?
Бинобар ин номи шахсони таърихиро пурра навиштан даркор аст. Баъзан ба номҳои адибону олимон калимаҳои зиёдатӣ ҳамроҳ мекунанд, ки боиси халалдор шудани маънои вожаҳо мегардад.Гоҳе ду пешоянд паси ҳам ё паҳлуи ҳам меоянд, ки боиси содиршавии хатои услубӣ мегардад. Масалан: Бо ба Россия рафтани ҷавонони кишвар масъалаи ба ҷои кор таъминкунии аҳолӣ ҳал намешавад. Ӯ пеш аз ба ҷудошавӣ ариза додан чунин шартҳо гузошта буд.
Ин ҷумларо метавон чунин ислоҳ кард: Ӯ то ҷудошавӣ ариза додаву шартҳо гузошта буд.
Айни ҳол таркибҳои душворфаҳм дар гуфтору навиштори расонаҳои хабарӣ зиёд истифода мешаванд. Масалан, ҳадс задан, орзуву ҳавас чашидан, ба сар бурдан, тамиз кардан.1. Мисолҳо: Ҳар як ҷавон чашидани орзуву ҳаваси гаштанро дорад. 2. Ӯ чанд сол пеш Тоҷикистонро тарк гуфта, дар Амрико ба сар мебарад. 3. Фаррош ҳар саҳар саҳни коргоҳро р ӯбу чин карда, тамйиз мекунад. Дар ҷумла 2 чиро ба сар бурдани ӯ маълум нест.
Дар луғат тамйиз кардан ба ду маъно омадааст: 1. фарқ кардани сара аз носара, нек аз бад.2. солимфикрӣ, ақлу ҳуш, боодобу оқил будан.
Дар барномаҳои телевизионӣ иштибоҳи услубӣ низ зиёд ба чашм мерасанд: Мисол: Нависандаи амрикоӣ аввалин касе буд, ки ақидаи секунҷаи бермудиро пеш мебарорад. (ТВ «Сафина», 24.04.2009).
Г ӯштингири тоҷик Олим Зиёев соҳиби медали тиллоӣ гардид, ин сеюмин медали тиллоии ӯ буд. (ТВ «Ҷаҳоннамо», 22.02.2009).
Дар як рекламаи дар бобати табобатгоҳи чинӣ чунин сухан моҳҳои дароз садо медиҳад. Муолиҷаест, ки натиҷаи мусбии онро вақт исбот кардааст. (Шабакаи аввал, 2014 с.).
Дар ҷумлаҳои боло «секунҷаи Бермуд», «медали тилло», «натиҷаи мусбат» бояд навишт.
Баъзан табобати чинӣ – ро ровиёни ТВТ ва ТВС табобати чиноӣ мег ӯянд, ки нодуруст аст.
Баъзан шореҳи варзиш мег ӯяд: «Бисёр бозии ҳассос аст ин бозӣ». Саҳв ин ҷо дар истифодаи вожаи «ҳассос» аст, он хоси мавҷуди зиндаи соҳиби ҳис аст, на аз бозӣ ҳамчунин калимаи «бозӣ» такрори бемавқеъ аст. Дар ҷумлаи «Бинобар сабаби номусоидии обу ҳаво кишти пахта т ӯл кашид», «бинобар сабаби» дар ҷумла саҳеҳ нест, мебояд нависем «бино бар» ё «ба сабаби» ва маънии ҷумла халалдор намешавад.

Аслан, урфу одат, суннатҳо, пероҳандорӣ, таомҳо, аркони меъморӣ ва чанд ҷузъиёту куллиёт равиши миллӣ доранд, вале мебинем, ки дар овезаи пештоқи биное сабт шудааст: «Ошхонаи миллӣ»; сухан агар инҷо аз тарҳи бино биравад, пас он хоси аврупоӣ аст. Мебояд навишт: ошхонаи таомҳои миллӣ ё «таомҳои миллӣ». Милликунонии иншоот, мардумӣ кунонидани замин, об, ганҷҳои табиӣ мартабаанд, ки бо қарори вижаи Ҳукуматҳо муайян мешаванд. Масалан, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ ва ғайраҳо.
Дигар ҳолати ногувор, ғашовар дар навиштаҳои электронии лавҳаву овезаҳост. Шабона мабодо аз к ӯчаву хиёбонҳои пойтахт ва дигар шаҳру навоҳӣ гузар кунем, беихтиёр чашмамон ба чароғакҳои люменатсионӣ меафтад, ки аз онҳо шакли ҳарфҳоро сохтаанд, хеле зебову муҷалло, диққатрабову боиси ҳусну шукуҳи иншоот гаштаанд. Боиси таассуф аст, шабона аз

саҳлангории масъулони ободонӣ қисме аз ҷузъиёти калима ва ибора дар намегирад. Дар нагирифтани баъзе ҳарфҳо маънои вожаву ибораро халалдор ва табъро хира месозад. Ба ҷои дорухона – орухона (дар маҳаллаи «Гипрозем»), «ушфур ӯшон» (дар маҳаллаи 33), «итобхона», «крхна» ба ҷойи китобхона ва корхона ва садҳо далели дигар дар дигар навиштаҳои электронӣ. Ба ақидаи мо шаҳр дар шаб ҳам шаҳр аст. Меҳмонон, мусофирони дохиливу хориҷӣ сайру гашт мекунанд, ба дорухона бираванд ё ба орухона?
Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласа бахшида ба Р ӯзи забон аз ноқисии маводи фарҳанги забони тоҷикӣ, дигар луғатҳо изҳори нигаронӣ кард, ки хеле саривақтӣ ва барҷой аст. Масалан, аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «аллакай»-ро наёфтам. Шояд баъди паж ӯҳиш маълум бигардад, ки боз чи қадар вожаҳо аз саҳифаҳои фарҳангҳо берун мондаанд?
Баъзан менависанд: нархи молҳо арзон шуданд; ҳол он ки нарх мол нест, ки арзон шавад ё қимат, он паст меравад ё боло. Вожаи температура – ҳарорат аст, маънои ҳарорат гармӣ аст. Гоҳо муаллифон менависанду ровиён мег ӯянд: Ҳарорати ҳаво дар шабонар ӯзи оянда 2 дараҷа хунук мешавад. Дар чунин ҳолат истифодаи вожаи «дамо» ба мақсад аст, «дамои ҳаво», «дамои бадан». Ба ҷойи термограф – дамосанҷ.
Баъзан дар истифодаи вожаи «мусиқӣ» низ бетаваҷҷуҳӣ ба чашм мерасад. Мег ӯянд ё менависанд: ӯ як мусиқӣ навохт. Дарвоқеъ мусиқӣ илм аст. Бояд навишт: ӯ як оҳанг навохт. Вожаҳои намуд, намо – шакли зоҳирии ҳар чиз аст. Баъзан менависанд: намуди хатти арабӣ, намудҳои дарахтон, дар чунин ҳолат навъҳои навъи хатти арабӣ, навъҳои дарахтон.
Дар кулли барномаҳои фарҳангии радио ва телевизион, р ӯзномаву маҷаллаҳо бо ибораи «истеъдодҳои ҷавон» вомех ӯрем. Вожаи мазкур маънои лаёқат, қобилият, салоҳият гуфтан аст. Яъне, мумкин нафаре истеъдод, лаёқат, салоҳият дошта бошад, вале ровиёну муаллифони мо мег ӯянду менависанд. Дар меҳмонии мо истеъдоди ҷавон ҳузур дорад. Ӯ бояд биг ӯяд: Дар меҳмонии мо соҳибистеъдоди ҷавон ҳузур дорад. Дар истифодаи ин вожа, ки аз забони русист мо тақлидкорем. Намедонем, ки дар забони русӣ ин вожа ду маъно дорад: яке истеъдод, дигаре маҳозан соҳибистеъдод. Ин тарзи истифодаи калимаву ибораҳо дар китоби устоди зиндаёд М. Шакурӣ «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад», интикод шудааст.
Хамчунон пешниҳод мекунам, ки дар замоне, ки иттилоот ба таври бемисл афзун шудан аст, маълум аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет, китобу маҷалла, р ӯзномаҳо фурсати ом ӯзиш барои насли ҷавони кишвар тангӣ мекунад. Ба ҷои ом ӯзишу кашфиёти бамисли илмҳои гуногуни техникӣ толибилмон фурсати ками забоном ӯзӣ, ба дунболи аломату ҳарфҳо давиданро доранд, яъне алифборо ба қадри з ӯррас осонфаҳму сода бояд кард. Яке аз ин роҳҳо ба андешаи банда баромадан аз баҳри чор ҳарфи йотбарсар ю, я, ё, е мебошад, зеро бе истифодаи онҳо низ маънои калимаҳо фаҳмоанд. Масалан, ба ҷойи Ёвон – Йовон, Ғаюр – Ғайур, Ёқуб – Йоқуб.
Ҳарф як навъ техника – василаи баррасикунандаи маъност, агар дастрасу фаҳмо, сода бошад хубтар аст. Ба андешаи банда, калкаи воситаҳои ахбори омма аз русӣ средство массовой информации ноқис аст. Ин ибора дар забони русӣ ҳадафманд мебошад. Аммо дар забони тоҷикӣ не. Ба он монанд аст, ки мег ӯем «олотҳои санг», «техникаи пахта», «воситаҳои бор» дар чунин ибораҳо мақсади г ӯянда маълум нест. Пас бояд бинависем воситаҳои хабаррасон ё расонаҳои хабарӣ, олотҳои сангтарошӣ, достезкунӣ, ордкунӣ, собунбарорӣ, техникаи пахтатозакунӣ, борбарӣ, боркашонӣ ва ғайра.

«ТУНДУР» ВА «НУҚТА»

Чи тавре ки зикр шуд дар бобати истифодаи мафҳуму ифодаҳои куҳнаву нав ихтилофӣ назар ба назар мерасад, ин бесарусомониҳо боиси ғалатфаҳмию ғалатнависиҳо мешавад, вожаҳои сирф тоҷикӣ чун вожаи забони бегона фаҳмида мешавад. Барои далел вожаи «тан ӯр»-ро меоварем, ки чун лавҳа назди нуқтаҳои хизматрасонӣ ба чашм мерасад: танд ӯр, тандуркабоб, тандурӣ, самб ӯсаи тандурӣ, нони тандурӣ, мурғи тандурӣ. Айни замон вожаи мазкур чун шакли вайроншудаи туркии «тандир» фаҳмида мешавад, ки аз ду реша иборат аст: «тун» – оташдон, «дур» – (тур) – ба монанди.
Вожаи мазкур 3000 сол пеш дар забони аккадӣ дар шакли «тинуру» дар забони оромӣ «таноуру», дар арманӣ «танир», дар гурҷӣ «тонэ» чун авастоии «танур» оро пайдост аст, ки дар забони паҳлавӣ шакли «танур»-ро гирифтааст. Ба ақидаи доктори илми филология Ҳасан Султон (Адабиёт ва санъат; 15.12.2016, №50) вожаи «тан ӯр» дар забони ибрӣ ва арабӣ ҳам бо ташдиди «нун» ба шакли «тан ӯр» мавриди истифода қарор дошта, дар Қуръони Шариф ду бор дар ояти 40 – сураи Ҳуд ва ояти 27 – сураи Муъминун он ҷо ки ҳадиси т ӯфони Н ӯҳ

меравад, корбаст шудааст. Ин вожа дар забонҳои қирғизию қазоқӣ ва озарию ӯзбекӣ шакли «тандир», дар туркманӣ «тамдир», ӯйғурӣ «тунур», ҳиндӣ ва уду «тандур» дорад.
Ба ин гуфтаҳои олими муҳтарам ҳамфикр ҳастем, зеро вожаи мазкур дар навиштаҳои олимону адибони классикии мо хеле фаровон истода шудааст. Аз ҷумла дар «Торихи Бухоро»-и Наршахӣ омадааст: «Ва фармуда буд, то се р ӯз боз тан ӯр тафтонида буданд, ба наздики он тан ӯр рафт ва ҷома берун кард ва хештанро дар тан ӯр андохт». Муаллиф барҳақ дар мақола овардааст, ки вожаи «тезтайёр», ки дар овезаҳо ба чашм мерасад хеле содалавҳона ба сифати муодили фаронсавии «бистро» истифода мешавад, ки аз соли 1880 инҷониб пайдо шудааст ва маънои «таъомхонаи саридастӣ»-ро дорад. Мо ҳам пешниҳоди устод Ҳасан Султон ва Рустами Ваҳҳобро дар бораи ба ҷойи ифодаи мафҳуми «бистро» корбаст шудани «ғизои саридастӣ»-ро ҷонибдорем. Ҳамчунин андешаҳои ӯ дар бораи ивази ибораҳои «фур ӯши дискҳо», «фур ӯши пардаҳо», «шустуш ӯи мошинҳо» бо истифодаи пасванди ҷамъбандии « – ҳо», «нони самарқандӣ», «сихкабоби хуҷандӣ», «масолеҳи сохтмонӣ» бе истифодаи пасванди ҷамъбандии « – ҳо» ва пасванди мансубияти « – ӣ» мувофиқи матлаб мешуморем.
Вақтҳои охир дар лавҳу овезаҳо ибораҳои зерин ба чашм мерасанд: «нуқтаи таъмири пойафзол», «нуқтаи шустуш ӯи мошин ва қолин», «нуқтаи фур ӯши с ӯзишворӣ» («НФС») бо андешаи мо истифодаи вожаи «нуқта» дар ин гуна ибораҳо зурур нест, дар шакли «шустуш ӯи мошин ва қолин», «фур ӯши с ӯзишворӣ» ва ҳоказо низ мақсад возеҳи р ӯшан аст.

«АТИҚА» АСТ Ё «АНТИҚА»
Антиқа ё ба шакли атиқӣ, низ навишта мешавад, вожаи арабӣаст, асл «атиқа» ба аст, маъно куҳан бостонӣ-ро дорад, бо таъсири г ӯишу навишти русӣ ба ин вожа ҳарфи «н»-ро афзудаанду «античный» пайдо гашт.
Фуромадан, фуровардан – тахфифшудаи феълҳои “фуруд овардан”, “фуруд омадан” мебошанд.
«ДУРАФШ», «ДИРАФШ» – КАДОМЕ ДУРУСТ?

Дар “Фарҳанги забони паҳлавӣ” чунин маъно дорад: драфш – байрақ, ливо, «драфшидан» – 1.Мавҷ задан такон хурдан, ларзидан. 2. Дурахшидан (7.158). Дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст: «Дурафш – порчаи қумоши сег ӯша, ки ба зарф мунаққаш карда, ба сари алам банданд. ва чун маънии дурафшидан ларзидан аст, инро низ дурафш аз он г ӯянд, ки аз бод меларзад. Ва олотест, ки бад-он дар чарм сурох кунанд, ки онро ба ҳиндӣ сугалӣ гуянд. Дар луғоти «Сироҷ», «Рашидӣ» ва чанд луғати дигар навишта шудааст, ки бо фатҳи сонӣ (яъне дирафш) олоте, ба маънии алам ва нишони лашкар аст. Дар «Фарҳанги Муин» маънии «дирафш» – байрақ, алам, аломат, рояти (сипоҳ), ф ӯтае, ки дар р ӯзи ҷанг дар болои дастори худ печанд, омадааст.

**Буризода Қурбонали Бозор, н.и.т., дотсент**
**Директори МД. «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Точикистон»**

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [1]
- Забоншиносӣ [2]

- Забони тоҷикӣ [3]
- Мақолаҳо [4]

**Source URL:** http://kumitaizabon.tj/en/content/doruhona-yo-oruhona?mini=2024-05&page=3&qt-quicktabs=2

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/32 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/38 [4] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/26